# ТАҚРИЗ

**ба диссертатсияи Мирзоҳофизиён Меҳрафкан Мирзоҳофиз дар мавзуи «Таҳқиқи матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ)**

Таҳқиқи осор ва таълифоти шоирону адибони форсу тоҷик аз вазифаҳои асосии илми адабиётшиносӣ маҳсуб мешавад, ки то ба ҳол таҳқиқу баррасии шоистае роҷеъ ба осори баъзе аз онҳо аз тарафи донишмандони дохилию бурунмарзӣ ба анҷом расидааст. Диссертатсияи М. Мирзоҳофизиён аз қабили чунин пажӯҳишоте мебошад, ки ба омӯзиши масоили матншиносӣ ва поэтикии осори мансури Аҳмади Ҷом бахшида шуда, барои муаррифӣ ва мушаххас сохтани ҷилваҳои ҳунарӣ ва маҳорати нигорандагии ин адаби дақиқназар мусоидат менамояд.

**Аҳаммияти мавзуи** диссертатсия дар он зоҳир мешавад, ки то ба ҳол роҷеъ ба масоили матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом аз ҷониби донишмандону мунаққидони дохилию бурунмарзӣ таҳқиқоти алоҳида сурат нагирифтааст. Диссертант бо таваҷҷуҳ ба нусахи хаттӣ ва дастнавиштаҳои осори насрии Аҳмади Ҷом, амсоли «Анис-ут-тоибин», «Равзат-ул-музнибин», «Сироҷ-ус-соирин», «Мифтоҳ-ун-наҷот», «Кунуз-ул-ҳикмат», «Биҳор-ул-ҳақиқат», «Рисолаи Самарқандия», ки дар китобхонаҳои Анҷумани Осиёии Бангол, Остони қудси Разавӣ, Донишгоҳи Теҳрон, Академияи илмҳои Узбекистон, Боязид, Ганҷбахш, Донишгоҳи Тюбинген ва монанди инҳо мавҷуданд, тавонистааст пажӯҳиши равишманди илмӣ ба сомон расонад. Аз ин лиҳоз, мавзуи интихобнамудаи диссертантро метавон **мубрам** арзёбӣ кард.

**Навгонии илмии** диссертатсияи мазкур дар он аст, ки аввалин маротиба дар адабиётшиносии тоҷик мабоҳиси поэтикӣ, матншиносӣ ва муқобалаи анвои нусахи осори насрии Аҳмади Ҷом мавриди таҳқиқоти густардаи илмӣ қарор дода мешавад. Муҳаққиқ дар таълифи диссертатсия ба масоили мавзуъ, мундариҷа, анвои насри ирфонӣ, сабк ва тарзи баёни осори насрии Аҳмади Ҷом, корбурди ашъори форсию арабӣ дар осори мансури адиб, баррасии истилоҳоти ирфонӣ, мушаххас намудани таҳрифоти асарҳое чун: «Анис-ут-тоибин», «Равзат-ул-музнибин», «Сироҷ-ус-соирин», Биҳор-ул-ҳақиқат» ва монанди инҳо

дахл намудааст, ки ҳалли мусбати масоили мазбур аз ҷумлаи навгониҳои илмии диссертатсия маҳсуб мешаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** дар он собит мешавад, ки натиҷаҳои пажӯҳиш дар дарсҳо ва курсҳои махсуси лексионӣ ва машғулиятҳои амалии кафедраи забон ва адабиёти тоҷики факултети забонҳои шарқи МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» истифода шудааст. Муҳимтарин нуктаҳои диссертатсия дар конференсияҳои илмӣ-амалии донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ (солҳои 2017-2022) аз тарафи диссертант дар шакли гузоришҳои илмӣ ироа гардидаанд Инчунин, диссертант дар бахши хулоса ва тавсияҳо дурнамои мавзуи таҳқиқро мушаххас намуда, истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқро пешниҳод менамояд.

**Аҳаммияти назарии** таҳқиқ дар он аён мегардад, ки маводи назарии диссертатсия дар пажӯҳиши минбаъдаи вижагиҳои сабки осори ирфонӣ, масоили нусхашиносӣ ва поэтикии осори бузургони тасаввуф, баррасии мавзуъ ва муҳтавои асарҳои ирфонӣ, тағйиру таҳаввули сабки осори насрӣ дар адвори гуногуни таърих, таърифу тавзеҳи истилоҳоти суфия ва амсоли инҳо муфид мебошад.

Диссертант доир ба мавзуи мавриди назар 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мунташир намудааст. Маводи чопии муаллиф нуктаҳои асосӣ ва мазмуну мундариҷаи диссертатсияро мунъакис карда, саҳми шахсии диссертантро тасбит мекунанд.

Диссертант мабоҳиси марбут ба мавзуъро дар се боб тарҳрезӣ карда, ҳар бобро ба фаслҳои алоҳида гурӯҳбандӣ намудааст.

Дар муқаддимаи диссертатсия роҷеъ ба мубрамияти масъалаи мавриди таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, мақсаду вазифаҳо, равишҳо ва сарчашмаҳои таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариву амалии диссертатсия, нуктаҳои меҳварии ба дифоъ тавсияшаванда, саҳми шахсии муаллиф дар пажӯҳиши матолиби меҳварии таълифот сухан рафтааст.

Боби якуми диссертатсия - **«Аҳмади Ҷом ва таҳаввули насри ирфонӣ дар аҳди ӯ»** номгузорӣ шуда, аз ду зербоб «Аҳмади Ҷом ва мақоми ӯ дар адабиёти форсии тоҷикӣ» ва «Насри ирфонии форсии тоҷикӣ дар аҳди Аҳмади Ҷом» фароҳам омадааст. Зербоби дувум тибқи талаботи

мабоҳиси мавзуъ ба се зерфасл: «Осори ирфони амалӣ ва назарӣ», «Маноқиб, табақот ва зиндагиномаҳои бузургони суфия», «Тафсирҳои куҳани форсии тоҷикӣ» ҷудо гардидааст.

Дар боби мазбур муаллифи диссертатсия роҷеъ ба мақому мартабаи Аҳмади Ҷом дар адабиёти форсу тоҷик бо далоили муътамад сухан ба миён гузошта, таъсири шахсият ва эҷодиёти ӯро ба шуарои баъдӣ, монанди Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Қосими Анвор ва дигарон зикр намудааст. Диссертант қадимтарин осореро, чун: «Нур-ул-ҳақоиқ»– и Заҳируддин Исо, «Рисола дар исботи бузургии Шайх Аҳмади Ҷом»–и Шиҳобуддин Исмоил, «Мақомоти Жандапил»–и Садидуддин Муҳаммади Ғазнавӣ, «Хулосат-ул-ҳақоиқ»-и Имодуддини Форёбӣ, «Хулосат-ул-мақомот»-и Абулмакорими Ҷомӣ, «Ҳадиқат-ул-ҳақиқат»-и Абулфатҳи Мутаҳҳар ва «Равзат-ур-раёҳин»-и Дарвешалии Бузҷонӣ оид ба осору аҳволи Шайх Аҳмади Ҷом дастарас намуда, мавриди нақду баррасӣ қарор додааст, ки ин аз дониши кофӣ ва пажӯҳиши амиқи муҳаққиқ дарак медиҳад.

Фасли дувуми боби аввалро, ки ба насри ирфонии форсу тоҷик дар замони Аҳмади Ҷом бахшида шудааст, диссертант ба се қисм: осори ирфони амалӣ ва назарӣ, маноқиб, табақот ва зиндагиномаҳои бузургони суфия ва тафсирҳои куҳани форсу тоҷик ҷудо намуда, оид ба ҳар яки онҳо маълумоти муфассал ироа намудааст. Асарҳое, ки дар ин давара ба назари диссертант хело муҳим ва ҷузъи сарчашмаҳои ирфони амалию назарӣ, маноқиб ва тафосир маҳсуб мешаванд, аз қабили «Кашф-ул-маҳҷуб»-и Ҳуҷвирӣ, «Суфинома»-и Қутбуддини Аббодӣ, «Канз-ус-соликин», «Муноҷотнома», «Зод-ул-орифин», «Қаландарнома», «Табақот-ус-суфия»-и Абдуллоҳи Ансорӣ, «Ҳолот ва суханони Шайх Абусаид Абулхайр»-и Камолиддин Муҳаммади Майҳанӣ, «Асрор-ут-тавҳид фӣ мақомот аш-Шайх Абусаид»-и Муҳаммад ибни Мунаввар, «Тоҷ-ут-тароҷим»-и Шоҳфури Исфароинӣ, «Тафсири Суроболӣ»-и Абубакр Атиқ ибни Муҳаммади Суроболӣ. «Тафсири Дарвоҷакӣ»-и Абумансур Аҳмад ибни Ҳасани Дарвоҷакӣ ва ғайраҳо мебошанд.

Тибқи гуфтаи муаллифи диссертатсия, дар баробари ин асарҳо боз осори гаронарзише оид ба мабоҳиси мазбур офарида шудаанд, ки онҳо ҳам дар рушду густариши насри ирфонӣ нақши муҳим доранд.

Боби дуюми диссертатсия **«Нусхашиносӣ ва пажӯҳиши сохторию мавзуии осори насрии Аҳмади Ҷом»** ном дошта, муаллиф дар ду фасл ба

мавзуоте, амсоли: «Нусхашиносии осори насрии Аҳмади Ҷом», «Мундариҷа ва таркиби осори насрии Аҳмади Ҷом» дахл карда, зимни он вижагиҳои асосии ҳар яке аз онҳоро мавриди баррасӣ қарор додааст.

Диссертант дар ин фасл дасхатҳо ва нусхаҳои хаттии осори Аҳмади Ҷомро, ки дар китобхонаҳо ва музейҳои маъруфи дунё мавҷуданд, муаррифӣ менамояд. Албатта, ҷустуҷӯ ва пайдо кардани анвои дасхатҳои осори бадеӣ, мушаххас намудани навъи хат, таърихи китобати нусха, муайян кардани таҳрифот ва монанди инҳо кори саҳлу сода нест, ки ин мушкилотро муҳаққиқи ҷавон бомуваффақият пушти сар гузоштааст. Дар ин ҷода пажӯҳишоти ӯро метавон кори арзишманде дар адабиётшиносии тоҷик маҳсуб донист.

Боби сеюми диссертатсия **«Баррасии хусусиятҳои поэтикӣ ва матншиносии осори насрии Аҳмади Ҷом»** номгузорӣ шудааст. Ин боб дорои чаҳор фасл мебошад, ки онҳо аз «Сабки насри мероси мансури Аҳмади Ҷом», «Истифодаи ашъор дар осори насрии Аҳмади Ҷом» (фасли мазбур боз ба се зерфасл «Истифодаи ашъори шуарои пешин», «Истифодабарӣ аз шеъри худ», «Корбурди ашъори арабӣ» дастабандӣ шудааст), «Мероси мансури Аҳмади Ҷом ва шарҳи истилоҳоти суфия», «Таҳқиқи матншиносии осори насрии Аҳмади Ҷом» иборат мебошанд.

Муаллифи диссертатсия дар ин фасл мухтассоти насри Аҳмади Ҷомро мавриди таҳқиқ қарор дода, ба чунин натиҷа расидааст, ки дар осори мансури адиб вижагиҳои сабки хуросонӣ ва байнобайнро дидан мумкин аст. Муҳаққиқ бархе аз вижагиҳои асарҳои насрии Аҳмади Ҷомро дар диссертатсия зикр карда, бо овардани иқтибосоту шавоҳиди зиёде аз осори ӯ содаву равон будан, такрори калимот, истифодаи вожагони архаистӣ, лаҳҷавӣ, корбасти калимаҳои аслии форсӣ дар баробари вожаҳои арабӣ, корбурди таъбироти арабӣ, ҷамъбандии калимоти ҷамъи арабӣ, корбурди оёту аҳодис ва саноеи балоғиро аз хусусиёти асосии сабки адиб мешуморад.

Муаллиф дар фасли дувуми боби сеюм аз ашъори шоирони маъруфи мутақаддим, шоирони маҷҳуле, ки ашъорашон бе зикри асомии онҳо омадааст, сурудаҳои хеш ва ашъори шоирони араб мустафид гардидани Аҳмади Ҷомробо овардани далоил исбот намудааст.

Диссертант дар фасли севуми боби мазбур ба корбкрди истилоҳот ва таъбироти ирфонӣ таваҷҷуҳ намуда, бо такя ба осори мансури адиб ва

фарҳангномаҳо мазомини онҳоро шарҳу тафсир менамояд, ки ин иқдом низ шоёни таҳсин мебошад.

Мабоҳиси фасли чаҳоруми боби мазкури диссертатсияро таҳқиқи матншиносии осори мансури Аҳмади Ҷом ташкил медиҳад. Дар иртибот ба ин масъала бояд хотиррасон намуд, ки диққат дар бознависии матни аслии асар бисёр муҳим мебошад, зеро ғалат гузоштани як вергул, ҳарфи изофӣ ё хатохонии вожагону ибороти матни асл ба иштибоҳу дарки нодурусти мафҳуми асосӣ мебарад.

Бо ин ки бархе нусахи осори мансури Аҳмади Ҷом дастраси мусаҳҳеҳон гардида будааст, аз баррасиҳои муҳаққиқ бармеояд, ки онҳо дар тасҳеҳи матни осори адиб ба ғалатнависӣ мувоҷеҳ гардидаанд. Диссертант навоқиси мазкури мусаҳҳеҳонро мавриди нақду муқобал бо нусхаҳои дастрасаш қарор дода, баъзе ғалатҳои дар матн роҳёфтаро ифшо карда, шакли дурусти онҳоро овардааст.

Муҳаққиқ бо овардани далоили зиёде аз осори адиб зикр мекунад, ки бетаваҷҷуҳии мусаҳҳеҳон боиси лағзиш дар тасҳеҳи матн мешавад. Чунончи, адами истифодаи саҳеҳу кофӣ аз манобеи дастрас, нусхаҷӯии густарда, нусхашиносии равишманд, бадхонии нусха, ворид кардани таҳрифот ба нусхаи аслӣ аз рӯйи таассуб, истифода накардан аз нусхаи камғалат, ки наздик ба матни аслӣ мебошад, боиси костагии мазмуну мантиқи матни асар мегардад.

Хулосаи диссертатсияи Мирзоҳафизиён Меҳрафкан Мирзоҳафиз натиҷагириҳо ва муҳимтарин бардоштҳои илмии диссертант буда, дар 22 банд ба таври дақиқ оварда шудаанд. Дар охири ҳар банди хулоса мақолаҳои мунташирнамудаи диссертант нишон дода шудааст, ки аз интишори натиҷаҳо ва татбиқи амалии нуктаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия гувоҳӣ медиҳанд.

Ҳарчанд диссертатсия пажӯҳиши амиқи баитмомрасида маҳсуб ёбад ҳам, он аз баъзе навоқис холӣ нест, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор мебошад:

1. Ба назари мо, шарҳи кутуби ирфонӣ, монанди “Кашф-ул-маҳҷуб” (саҳ. 31), Тарҷумаи “Рисолаи қушайрия” (саҳ. 31) ва амсоли инҳо, ки дар боби аввали фасли дувум омадааст, лозим нест. Чунки дар бораи ин осор дар тазкираҳо, ҷунгҳо ва китобҳои таърихи адабиёт маълумоти муфассал ироа шудааст.

2. Дар диссертатсия дар ду шакл овардани калимаҳои таъарруф (саҳ. 30) – таарруф (саҳ. 30), рӯҳ (саҳ 33) – руҳ (саҳ. 44), Абӯ (саҳ. 21) – Абу (саҳ. 31), ҳар кӣ (саҳ. 85), ҳар ки (саҳ. 88) ба назар мерасанд, киислоҳ ва истифодаи меъёри ягонанависии онҳо судманд аст.
3. Корбасти вожаҳои камистеъмоли арабӣ, амсоли эҳтимом (саҳ. 39), мудавван (саҳ. 39), музаҳҳаб (саҳ. 56), фавотеҳи бобҳо (саҳ.72), тамассул (саҳ. 94), мабзул (саҳ. 121), фаҳво ва монанди инҳо дар диссертатсия ба чашм мерасад. Хуб мешуд, ки диссертант муродифи тоҷикии калимаҳои мазкурро мавриди корбурд қарор медод.
4. Дар саҳифаҳои (41, 44, 82, 104, 114) диссератсия иқтибосоте, ки ба унвони шоҳид зикр шудаанд, тулонӣ мебошанд. Ба назари мо, диссертантро зарур аст, ки онҳоро муҷазу мухтасар баён намояд.
5. Хуб мешуд, ки диссертант дар баробари сарчашмаҳои дигари назарӣ аз мақолоти Ҳамоиши байналмилалии ҳазораи Шайхи Ҷом, ки 22-юми тирмоҳи соли 1401 дар Донишгоҳи озоди исломии шаҳри Турбати Ҷом баргузор гардида буд, истифода мекард. Аз маҷмуи мақолаҳое, ки дар ҳамоиш ворид шуда буданд, баъзе аз онҳо ба мавзуи диссертатсия бисёр алоқамананд, ки онҳо: ("Китобшиносии тавсифии Шайх Аҳмади Ҷом" аз Муҳаммад Беҳномфар ва Ҳуҷҷати Хофӣ (1401), "Китобшиносии Шайх Аҳмади Ҷом дар Китобхонаи қудси Разавӣ" аз Сайидалии Кароматӣ ва дигарон (1401), "Китобшиносии чиҳилу чаҳор мақолаи марбут ба Шайх Аҳмади Ҷоми Номақӣ" муаллифон Муҳаммади Козим ва Соро Юсуфии Туркмон (1401) мебошанд.
6. Дар диссертатсия баъзан ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ мушоҳида мешаванд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд. (42, 43, 74,79, 89, 92, 113, 115)

Матолибе, ки дар боло қайд шуданд. ислоҳпазир буда, муаллифи диссертатсия вазифаҳои дар назди хеш гузоштаро ба хубӣ ҳаллу фасл намудааст. Диссертатсияи мазкурро метавон таҳқиқи анҷомёфтаи илмӣ ва пажӯҳиши ҷадиде дар адабиётшиносии тоҷик эътироф кард.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои чопшудаи диссертант муҳтавои корро инъикос менамоянд.

**Мавзуи таҳқиқ** бо шиносномаи дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 –

Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) комилан мувофиқ мебошад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи **Мирзоҳофизиён Меҳрафкан Мирзоҳофиз** дар мавзуи **«Таҳқиқи матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом»** ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) мебошад.

Муқаррizi расмӣ:
доктори фалсафа PhD, доктор
аз рӯйи ихтисоси 6D020500–Филология,
директори Маркази илмии «Мавлоношиносӣ»- и
МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав» Чиллаев С.Ҷ.
«30 » майи соли 2023.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Бохтар,
кӯчаи Ҷалолуддини Румӣ 5, ҳуҷраи 16.
Тел: (+992) 931-91-23-23.
**E-mail:** 934189667@mail.ru

Имзои С.Ҷ. Чиллаевро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ “Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав” Шукурзод Ҷ.А.
«30» майи соли 2023.

**Суроғаи:** 735140. Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67
Тел.: +992 (3222) +992 (3222) 2-22-53
Сомона: http://btsu.tj/
E-mail: ktsu78@mail.ru